# Шукргузори ин даврони биҳиштӣ бошем

Submitted by Ҳайати тадорукот on 26 June, 2020 - 11:33

Ваҳдати миллӣ, ки моро тӯли 23 сол ба роҳ ба сӯи музаффарият мебарад ва ҳамасола кишвари мо аз таъриху файзу баракати ин рӯзи нусратофарин бо баҳрамандӣ осудаву ободтар мегардад, қисмати неку хуҷастаи миллату халқи мост.

Вақте мо суханро дар бораи Ваҳдати миллӣ ва сулҳу созандагӣ оғоз мекунем, беихтиёр симои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пеши назари меоварем, зеро маҳз ба туфайли кӯшишу талошҳои шабонарӯзии эшон 27-уми июни соли 1997 Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар шаҳри Маскав ба имзо расид ва ба қавли устод Лоиқи зиндаёд «ҷанги девонавори мо гузаштаву Сулҳи деринтизори мо омад».

Филми мустанади таърихии «Хиёнат», ки тариқи шабакаи «Телевизиони Тоҷикистон» пахш гардид, пеш аз ҳама, ҳодисаҳои нангину даҳшатовари солҳои 90-уми ҷанги шаҳрвандиро бо тахрибкориву беадолатиҳояш пеши назар меорад, вале ҳар як фарди солимфикри насли замони истиқлоламон дигар намегузорад, ки ин рӯзҳои фоҷиаовар ба сари халқи тоҷик ояду осмони софу беғубори моро бо дуди тиру туфанг тира гардонад ва халқ боз сарсону саргардон шавад.

Таҷрибаи рӯзгор собит намудааст, ки мардумро танҳо ягонагиву ҳамдигарфаҳмӣ наҷот медиҳад. Хеҷ гоҳ қувваи бадӣ, фикру андешаи ҷоҳилона, ки мардумро ба гумроҳӣ ба як кӯчаи сарбаста мебарад, ба манфиати ҷомеа ва халқу миллат хизмат намекунад. Аз ин рӯ, толибони сулҳро зарур аст, ки ҳама вақт ҳушёр бошанд. Пайравони Аҳриману Заҳҳок ҳама вақт дар паи фитна ангехтану парешон кардани мардум ҳастанд.

Ҳаёт дар ин давраи сарнавиштсоз барои миллати мо собит намуд, ки маҳз мардумфиребиҳо ва ба коми андешаву ақидаҳои нопоки худ кашидани насли ҷавон аз ҷониби як зумра ҳизбу ҳаракатҳои ба ном исломӣ ҷомеа ва ҳатто мафкураи насли ҷавони моро вайрон карда, ба сари хонаводаҳои онҳо мусибату бадбахтиҳо овард, наслиояндасози моро аз дину мазҳаб ва расму ойини миллӣ дур сохт, ки дар рафтору амал ва тарзи зиндасозии бисёр оилаҳои ҷавон мушоҳида мегардад.

Насли ҷавони моро зарур аст, ки бо азхудкунии осори адибони маърифатпарвару худшиносамон фаъолияту зиндагии худро ба роҳ монда, бо бедорӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ кешу мазҳаби худро пос доранд, бо забону фарҳанги миллӣ арҷгузор бошанд ва дарк намоянд, ки дину мазҳабфурӯшиҳо ба мо суде намебахшаду мо тибқи қонунгузории давлати ягонаамон бояд ба сӯйи ояндаи нек қадам занем.

Бояд қайд низ кунем, ки пешвоёну иғвоангезони роҳи дину мазҳабҳои наву ба қавми мо бегона насли ҷавони моро танҳо ба фоидаи курсии хеш истифода бурданӣ шуда, мефиребанд, ки аз ин омол танҳо шахсони алоҳида сӯиистифода мебаранду халқи бечора зери зулму истибдод мемонад.

Мо бояд насли ҷавонро дар роҳи илмомӯзӣ ва касбу ҳунаромӯзӣ ташвиқу тарғиб намоем, то ки дар оянда созандаву бунёдгари кишвари худ дар оянда низ гардему дастнигари кишварҳои абарқудрат нагардем ва худ тақдирсозу таъминотгарӣ худ бошем.

Аз ин рӯ, насли имрӯзаи даврони Истиқлол, хусусан, ҷавонон бояд пойбанди макру фиреби ягон ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ нагашта, ба роҳи ояндаи худ, ба фардо бо чашми дил нигоҳ кунад.

Замони навини эҳёи Тоҷикистони азиз бо номи Қаҳрамони халқи тоҷик – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, зеро ин абармарди дунёи сиёсат пайваста дар андешаи мустаҳкам намудани аркони давлату бедории миллати тоҷик буда, баҳри таъмини ҳаёти осоишта тамоми тадбирҳоро меандешанд.

Мо бояд бо масъулият дарку ҳис намоем, ки ҳар қадаре дараҷаи худшиносӣ ва фарҳангпарастии мо зиёд гардад, ҳамон андоза ватанамон боз ободтару зебо хоҳад шуд. Барои ин мо бояд муттаҳид бошему аз як гиребон сар барорем, то ягон қувваҳои бегона аз хориҷ ва дохили кишвар натавонад, ба ин сулҳу оромӣ ва ҳаёти осоиштаи мо халал ворид созад.

Моро лозим аст, то шуълаи меҳру ихлос ва дӯстиро фурӯзонтар кунем, ки аз он хонаи дилҳои ҳамватанонамон равшантар ва решаи умеди онҳо мустаҳкамтар гардад. Зеро шоир

барҳақ фармуда, ки
Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.
Ҷомеаи шаҳрвандии моТоҷикон тавонист, ки дар муддати 23 соли Ваҳдати миллӣ дар ҳаёти иҷтимоии кишвар ба дигаргуниҳои куллӣ ноил гардида, чунин як наслеро ба камол расонад, ки аз ҷиҳати худшиносиву ватандӯстӣ ва зиракиву ҳушёрӣ худро аз мушкилоти ҷаҳонишавӣ ҳифз намояд.

Таҳиягари филми «Хиёнат» низ бар чунин ақида аст, ки «Халқи моро зарур аст, ки дар рафти чунин муборизаҳои шадиди ғоявию идеологӣ, ки дар фазои иттилоотӣ ҷараён мегиранд, минбаъд зиракии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи бозиҳои геополитикӣ ва хоҷагони пасипардагии кишварҳои бегона нашаванд, ба қадри Истиқлолият ва озодӣ расанд, комёбиҳои бадастомадаро ҳифз карда, барои давлатсозӣ ва миллатсозӣ камари ҳиммат банданд ва ҷасуронаю дилпурона ҷомеаи сифатан навро бунёд намоянд».

Бо ин мақсади наҷиб мо тоҷиконро зарур ва шарт аст, ки ба қадри ин Рӯзи саиду муборак ва некпай, – Нури Ваҳдати оламафрӯз, ки бо назари Эзидӣ ва қалби инсонпарваронаи фарзандони фарзонаи миллат ба мо муяссар гардидаст, расидаву онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем ва ба як Рӯзу Ҷашни миллӣ-озодихоҳӣ табдил диҳем, то ҳамеша дар ниҳоди мо тухми некиву инсонпарварӣ ва якдилиро парваридаву афзун намояд.

Ба такрор метавон нидо кард, ки мо мардуми тоҷик, ки бо баҳрамандӣ аз файзу нусрати Ваҳдати миллӣ шукру сипоси бекарон ба ин рӯз кунем, ки ин ҳама ин даврони фаррухпайк армонҳои ҳазорсолаи ниёгони инсондӯсту ваҳдатсарои мост ва мо ба ягонагии кешу мазҳаб ва ойинҳои худ гаравида, шефтаву дилбохта ва муштоқу дил рабудану афсункориҳои бегонагон ва равияҳову ақидаҳои мардумфиреби хоҷагони аҷнабӣ нашавем. Зеро чунин кирдори онҳо моро ба мутеиву пастӣ бурда, дунёи моро на хуш, балки зулматсаро сохта метавонад. Мо тоҷикистониён новобаста аз қавму миллатамон, бояд ки дар партави сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба як мақсад, пешравии ҷомеаи соҳибистиқлол ва дастёб шудан ба орзуву омоли мардуми кишвар гардем, ки он ҳам осудаву хуррам зистан ва бо ҳамдилдиву ҳамсозӣ баланд бардоштани афкори солими ҷомеаи ҷаҳонӣ дар роҳи инсонпаврарӣ ва ваҳдатсароист.

**Раҳим Зулфониён – сардори шуъбаи танзими истилоҳоти**
**Кумитаи забон ва истилоҳоти назди ҲҶТ**
**Сарвбоуну Фарҳодова – сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳоти**
**Кумитаи забон ва истилоҳоти назди ҲҶТ**
**Шаҳноза Бӯриева– сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқии**
**Кумитаи забон ва истилоҳоти назди ҲҶТ**

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [1]
- Кумита [2]
- Кумитаи забон [3]

**Source**

**URL:**https://kumitaizabon.tj/en/content/shukrguzori-davroni-bikhishti-boshem?mini=2026-03

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [2] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/14 [3] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/73